ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло дар мавзуи «Асосноксозии мушаххасотҳо ва реҷаҳои кории мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080601–Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ

Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионии Раҳматзода Ш.З. дар мавзуи «Асосноксозии мушаххасотҳо ва реҷаҳои кории мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос мувофиқи ихтисоси 6D080601 - Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ пешниҳод шудааст, аз баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тавассути истифодабарии мошинолотҳои такмилдодашуда ва нав амалӣ кардашаванда иборат аст. Аз ин хотир, тарҳрезии мошинолотҳои нав ва асосноксозии мушаххасот ва реҷаҳои кории онҳо бо назардошти талаботҳои агротехнологии минтақа вазифаи аввалиндараҷа ҳисобида шудааст. Маҷмуи омилҳои овардашуда барои коркарди хоки дохили боғҳои интенсивӣ дар он тасдиқ мегардад, ки баланд бардоштани самаранокии кори мошинолотҳои муштараки коркарди хок бо асосноксозии мушаххасотҳои кориашон вазифаи бағоят муҳимми илмӣ-амалӣ буда, мақсади тадқиқотҳои мазкурро ифода менамоянд.

Раҳматзода Ш.З. соли 2009 ба ихтисоси 740601-Механиконии кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дохил шуда, онро соли 2013 хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратура аз рӯйи ихтисоси 740601-Механиконии кишоварзӣ дохил шуда, соли 2015 ин зинаи таҳсилотро бо гирифтани дараҷаи магистри техника ва технология аз руи ихтисоси 740601-Механиконии кишоварзӣ хатм кардааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (аз 11.12.2015, №320) ба ҳайси доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080601–Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ қабул шудааст.

Дар давраи фаъолияти таҳқиқотӣ Раҳматзода Ш.З. дар вазифаҳои ассистент, омӯзгори калони кафедраи хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳо кор кардааст ва ҳоло вазифаи муовини декан оид ба таълими факултети механиконии кишоварзиро ба уҳда дорад.

Раҳматзода Ш.З. соли 2018 зинаи доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080601 – Технология ва васоити механиконии кишоварзиро хатм карда, соҳиби маълумотномаи академӣ №2, замима оид ба имтиҳонҳои маҷмуавӣ гардидааст.

Ҳангоми фаъолияти корӣ ва таҳсил дар зинаҳои магистратура ва доктор (PhD) ӯ худро ҳамчун шахси меҳнадӯст ва бомасъулият, инчунин

дорои дониши касбӣ нишон дод. Ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ шавқи зиёд пайдо намуда, дониши илмии хешро мустаҳкам менамуд.

Раҳматзода Ш.З. дар давраи иҷрои кори диссертатсионӣ масъалаҳои илмии тарҳрезӣ ва такмилдиҳии мошинҳои муштаракро аз худ намуда, методҳои муайян намудани мушахассот ва реҷаҳои кории мошинолотҳо ва агрегатҳои мошину трактириро аз бар намуд. Ҳамзамон, дар рафти кори илмӣ методҳои таҳлил, муқоиса, ҳисоби конструксия ва параметрҳои истифодабарии агрегати мошину трактори (АМТ)-ро омӯхта, натиҷаҳои заруриро ба даст овард. Дониши истифодабарӣ ва кор бо технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва барномаҳои муосири компютерӣ имконият дод, ки натиҷаҳои илмии таҷрибавии хешро бо истифода аз онҳо коркард намуда, амсилаи математикии равандҳоро созад.

Кори диссертатсионии **Раҳматзода Ш.З. дар мавзуи** «Асосноксозии мушаххасотҳо ва реҷаҳои кории мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ» аз муқаддима, 5 боб, 23 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум - «Ҳолати масъала» маълумот оид ба корҳои илмии олимон доир ба соҳаи таҳқиқот, намудҳои асосии боғдорӣ дар замони ҳозира, тартиби коркарди сатҳи болоии хок ва нигоҳдории сифати он, инчунин воситаҳои техникӣ барои коркарди хок дар боғҳои мевадиҳанда ва мошинолотҳои муосири дар соҳаи боғдорӣ истифодавшаванда оварда шудааст.

Дар боби дуюм - «Асосноксозии назариявии мушаххасотҳои кории мошинолоти муштараки КМИС-1,8» таҳқиқот дар самти аз ҷиҳати назариявӣ асосноксозии мушаххасотҳои конструктивӣ ва технологӣ, шакл ва мушаххасотҳои сохти элементҳои бурандаи хокранда, асоси конструксионӣ ва технологии олоти кории такмилдодашуда, хосиятҳои кории батареяи молаи ротатсионӣ, маҳсулнокии кори мошинолот ва такмилдиҳии усулҳои баҳодиҳии харочотҳои энергетикии АМТ барои коркарди хоки байни қаторҳои дарахтони мевадиҳандаи боғҳои интенсивӣ оварда шудааст.

Дар боби сеюм - «Барнома ва методикаи таҳқиқотҳои таҷрибавӣ» барномаи таҳқиқоти тарҳрезишуда, тавсифи мошинолоти таҷрибавӣ, методикаи гузаронидани таҳқиқотҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ ва методикаи коркарди маълумотҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, таҷҳизот ва асбобҳои озмоишӣ-таҷрибавии дар раванди пажуҳиш истифодашуда таҳқиқ ва муайян карда шудааст. Усулҳои муайян намудани баҳодиҳии иштибоҳдории ченкуниҳо ва дақиқии натиҷаҳои таҳқиқотҳои таҷрибавӣ,

тадбиқи методикаи гузаронидани озмоишҳои таҷрибавӣ-амалии мошинолоти муштарак гузаронида шудааст.

Дар боби чорум - «Натиҷаи таҳқиқотҳои таҷрибавӣ-амалӣ» тавсифи техникӣ ва ифодаҳои парметрҳои истифодабарии мошини муштараки коркарди хок барои боғҳои интенсивӣ КМИС-1.8 бо трактори ЮТО-Х904 агрегаткунонидашуда оварда шудааст. Натиҷаҳои ҷараёни коркарди механикии сатҳи болоии хок, таҳқиқотҳои саҳроӣ, таъсири мушаххасотҳои конструктивии олоти кории ротатсионӣ нисбат ба таркиби хок муайян ва дақиқ гардидааст. Ҳамчунин реҷаҳои кинематикии кори молаи ротатсионӣ вобаста ба таъсири масофаи байни табақҳои ротатсионӣ ба сифати коркарди хок, вобастагии нишондодҳои кори агрегат аз суръати ҳаракат муайян карда шудааст. Муносибкунонии мушаххасотҳои асосӣ ва реҷаҳои кории АМТ ЮТО-Х904 + КМИС-1,8, муайян намудани муқовимати нисбии кашандагӣ, андозаи миёнаи кулӯхпораҳои резамайда нашуда ва дараҷаи резамайдашавии хок, дар ин радиф нишондиҳандаҳои сифати коркарди сатҳи болои хоки боғҳои интенсивӣ муқаррар гардид.

Дар боби панҷум - «Самаранокии иқтисодӣ» бо дарназардошти талботҳои заминавӣ барои ҳисоби самаранокии иқтисодии мошинҳои тарҳрезишаванда, ҳисоби параметрҳои истифодабарию техникӣ, аз қабили маҳсулнокии агрегат, меҳнатталабӣ, суръати корӣ, хароҷотҳо барои сарфи ҷараёнҳои корӣ, сӯзишворӣ, металғунҷоиш, дар интиҳо самаранокии иқтисодии солонаи истифодабарии мошини муштараки коркарди хок барои боғҳои интенсивӣ КМИС-1.8 бо трактори ЮТО-Х904 агрегаткунонидашуда асоснок карда шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 14 мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Иҷрои кории диссертатсионӣ аз рӯйи мавзуи илмии интихобшуда, масъулияти баланд ва дониши мукаммали таҳқиқотиро талаб менамояд. Гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ, интихобу муайян намудани қиматҳои мушаххасоту реҷаҳои кории АМТ коркарду таҳлили таҷрибаҳои саҳроӣ ва қобилияти баландро талаб менамояд. Иҷрои сатҳи баланди вазифаҳои илмии дар кори диссертатсиони гузошташуда аз дараҷаи баланди касбияту дониши Раҳматзода Ш.З ҳамчун мутахассиси баландпоя дарак медиҳад. Боварӣ комил аст, ки дар оянда ӯ ҳамчун корманди илмию педагогӣ саҳми худро дар рушди илми тоҷик мегузорад.

Хулоса, диссертатсияи Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло дар мавзуи «Асосноксозии мушаххасотҳо ва реҷаҳои кории мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ» ба талаботи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D080601 - Технология ва васоити механикониии кишоварзӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои техникӣ,
и.в. дотсенти кафедраи хизматрасонии
техникии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Миракилов Ҷ.Ҳ.

«03» 10 соли 2025.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кучаи А.Навои хонаи 53/1, утоқи 22.
Телефон: (+992) 919147889; **E-mail:** mirakl_j@mail.ru

Имзои Миракилов Ҷ.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ, 146
Тел.: / Факс: (992-37) 224 72 07 // **E-mail:** rectortau31@mail.ru

«03» 10 соли 2025